# ВИРОЙИШГАРОНИ ГРАФИКИИ ADOBE PHOTOSHOP

***Таҳриргари графикии Adobe Photoshop.*** Ин таҳриргари графикӣ барои коркарди тасвирҳои растрӣ пешбинӣ шуда, дар байни барномаҳои графики растрӣ мавқеъи марказиро ишғол менамояд. Ҳангоми баҳодиҳӣ ба сифати тасвирсозии барномаҳои графики растрӣ низ арзиши онҳо дар муқоиса бо ҳамин барнома муайян карда мешавад.

Ба тасвирҳои растрӣ расмҳои тавассути фотокамераҳо гирифташуда, слайдҳо, видеокадрҳо, кадрҳои графики мултипликатсионӣ ва ғайра дохил мешаванд. Бо ёрии барномаи Adobe Photoshop манзараи дилхоҳро дар экран тасвир намудан ва ин мусаввараҳоро бо аксҳо ё нусхаи тасвирҳои дигар омезиш додан, тарзҳои гуногуни шакливазкуниро татбиқ кардан, инчунин тасвирҳоро тасҳеҳ ё васл намудан мумкин аст.

Вале бояд қайд кард, ки вазифаи аввалиндараҷаи Photoshop на аз сохтани тасвирҳо, балки аз коркарди онҳо иборат аст. Аз ин рӯ, ҳангоми оғози кор бо ин барнома аввал ворид кардани тасвири зарурӣ талаб карда мешавад. Тасвирро ба барнома бо якчанд тарз ба дохил кардан мумкин аст. Масалан, ба воситаи сканер, фотокамераи рақамӣ, ягон таҷҳизоти махсуси воридотии дигар ва ё ҳамчун парвандаи графикӣ - **Парванда►Кушодан** (Файл► Открыть) ё **Парванда►Ворид** (Файл►Импорт).




Adobe Photoshop дорои маҷмӯи калони табдилгарони форматҳои мухталиф (конвертер) мебошад. Бинобар он вай қариб бо ҳамаи форматҳои парвандаҳои графикӣ кор карда метавонад. Ҳангоми парванда хондани аз иттилооти графикӣ табдилгар онро ба формати хусусии Adobe Photoshop табдил медиҳад. Ҳангоми сабти иттилоот ба парванда бошад, табдилгар табдилдиҳии баръаксро иҷро менамояд.




Adobe Photoshop аз имкониятҳои зерин баҳраманд аст:

- ✓ хондан ва сабти тасвирхо дар форматхои гуногуни нигаҳдорандаи

парвандаҳои графикӣ;
- ✓ миқёсгирии тасвирҳо барои коркарди баъдии ҷузъҳо;
- ✓ тасҳеҳи тобишӣ ва рангии тасвир;
- ✓ барҳамдиҳии нуқсонҳои тасвир (ретуш);
- ✓ бо ёрии маҷмӯи мӯқаламҳо таъмин намудани расмкашии дастӣ;
- ✓ таъмин намудани расмкашӣ бо ёрии примитивҳои графики векторӣ;
- ✓ истифодаи тарзҳои гуногуни рангпуркунии фрагментҳои тасвир;
- ✓ барои расмкашӣ ва рангпуркунӣ истифода бурдани ранги дилхоҳ;
- ✓ ҷойгузин, нусхагирӣ, часпонидан, буридан ва ҳазфи фрагменти дилхоҳи тасвир;
- ✓ тобдиҳӣ, инъикоси ойнавӣ ва табдилдиҳии фрагменти тасвир;
- ✓ ташкили сохтори бисёрқабатаи тасвир;
- ✓ ҷойгузин ва ҳазфи қабатҳо;
- ✓ татбиқи таъсирҳои (эффект) муойинашаванда (визуалӣ) ва полойишҳо ба фрагментҳои тасвир (партавафканӣ, ҳаҷмсозӣ, соясозӣ, таҳрифсозии фазоӣ, услубсозии бадеӣ ва ғайра);
- ✓ ба тасвир ҳамроҳ намудани матн.

***Равзанаи Photoshop.*** Дар равзанаи асосии Photoshop як ё якчанд равзанаи тасвирҳои гуногунро сохтан мумкин аст. Ҷузъҳои стандартии равзанаи барнома, ки хоси ҳамаи замимаҳои Windows мебошанд – **сатри сарлавҳа**, **менюи системавии функсияҳо** ва **сатри ҳолатнаморо** ташкил медиҳанд. Ба ҷузъҳои хусусии таҳриргар **лавҳаи афзорҳо**, **лавҳаи хосиятҳои афзорҳо** ва **маҷмааҳои иҷрои фаврии функсияҳо** дохил мешаванд.




Равзанаи асосии Adobe Photoshop асосан барои виройиши тасвир пешбинӣ шудааст. Фарқи маҷмааҳои он аз равзанаҳои робитавӣ дар он аст, ки онҳо метавонанд доимо дар экран мавҷуд бошанд. Агар маҷмаае айни ҳол зарур набошад, онро бо ёрии тугмаҳои идории равзана ҳазф намудан мумкин аст. Барои аз нав барқарор намудани маҷмаа калидфармони менюи **Равзана** (Окно) хизмат мерасонад.



Равзанаи асосии Adobe Photoshop асосан барои виройиши тасвир пешбинӣ шудааст. Фарқи маҷмааҳои он аз равзанаҳои робитавӣ дар он аст, ки онҳо метавонанд доимо дар экран мавҷуд бошанд. Агар маҷмаае айни ҳол зарур набошад, онро бо ёрии тугмаҳои идории равзана ҳазф намудан мумкин аст. Барои аз нав барқарор намудани маҷмаа калидфармони менюи **Равзана** (Окно) хизмат мерасонад.